# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ Камолов Ҳ.Ш. ба рисолаи номзадии Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» барои дарёфти уивони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методи таҳқиқи таърихӣ**

Яке аз бунёдгузорони марказҳои илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон академики Академияи фанҳои Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев осори ғаронарзише дар соҳаҳои улуми инсонӣ: таърих. адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа ва ғайра аз худ ба мерос гузоштааст, ки то ба имрӯз аз қимати илмии онҳо коҳише ба амал наомадааст. Дар солҳои 60-70-уми асри гузашта академик А.Мирзоев миёни донишмандони шарқшиноси ниҳодҳои илми шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ шахси соҳибназар ва мунҳасир ба фард буд ва ҳар асари офаридаи ӯ аз ҷониби донишмандони ин марказҳо муҳим арзёбӣ мешуд.

Дар доираҳои илмии Тоҷикистон ва берун аз он академик Абулғанӣ Мирзоев пеш аз ҳама чун муҳаққиқи таърихи адабиёт шинохта шудааст, дар сурате ки таҳқиқоти адабиётшиносии ӯ мувозӣ бо пажӯҳишҳои таърихиаш пеш рафтааст, аммо ин соҳаи фаъолияти илмии олим аз назари муҳаққиқон дур афтода буд. Академик А.Мирзоев аз ҷумлаи нахустин донишмандонест, ки барои дарки дурусти авзои фарҳангии ин ва ё он замон, дар навбати аввал ба масоили таърихии он руҷӯъ мекард, онро меомӯхт ва сабаби пешрафту сукути фарҳангиро аз рухдодҳои таърихии он муайян менамуд. Ин усули пажӯҳиш баъдан ба як сабки озмудашудаи илмӣ табдил ёфт ва донишмандони зиёди соҳаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа ва ғайра барои омӯзиши масоили марбутаи таҳқиқоти хеш, нахуст ба таҳқиқи ҳодисоти замон мепардохтанд.

Рисолаи Ахмедов Ф.Ҳ. «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» ба таҳқиқи осори дар заминаи илми таърих офаридаи олим бахшида шуда, муаллиф дар ду боб ва

ҳафт зербоб саҳми академик А.Мирзоевро дар омӯзиши таърихи асрҳои миёна ва пасини халқи тоҷик муайян намудааст. Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки бо истифода аз манобеъ ва осори илмии мавҷуда масири илмии паймудаи А.Мирзоевро мушаххас намуда, нақши ӯро дар танвири саҳифаҳои норавшани таърихи асрҳои IX – XIX-и халқи тоҷик муайян созад. Муаллифи рисола дуруст муайян кардааст, ки аз ибтидои фаъолияти хеш дар Академияи фанҳои Тоҷикистон академик А.Мирзоев дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик мепардозад ва унвонҷӯй сабаби асосии ба таърих таваҷҷуҳ кардани А.Мирзоев агар аз як тараф масъулияти роҳбарӣ дар Институти таърих, археология, этнография, забон, лугат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ донад, аз тарафи дигар аз ҳамкориҳои ӯ бо академик Б.Ғафуров меҳисобад.

Академик А.Мирзоев дар осори таърихнигории хеш масоили мухталифи таърихи халқи тоҷики асрҳои IX-XIX фаро гирифтааст, ки дар меҳвари онҳо масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати Сомониён; инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV; баррасии воқеаҳои таърихӣ дар аҳди ҳукумати султон Ҳусейн Бойқаро (1469-1506) дар Хуросон; тавзеҳи масоили сиёсии Мовароуннаҳр дар ибтидои асри XVI; мушкилотҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Мовароуннаҳр дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII; баёни сабабҳои сукути давлати Аштархониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи мангит ва ғайра қарор доранд.

Унвонҷӯй осори ба масоили фавқуззикр бахшидаи олимро мунсифона таҳлил намуда, ба хулосаи мантиқӣ меояд, ки академик А.Мирзоев дар қатори аввалин олимоне қарор дорад, ки ба омӯзиши ҳаматарафаи таърихи халқи тоҷик дар даҳаи солҳои сиюм ва чилуми асри бистум оғоз карда, заминаи боэътимоди илмии онро барои муҳаққиқони оянда гузоштаанд.

Ироаи маводи куллӣ ва хулосаҳои илмии ҳосилшуда аз осори

таърихнигории академик А.Мирзоев дар тамоми бахшҳои дисертатсия боис мешавад, то ҳисобем, ки унвонҷӯй тамоми вазоифи дар назди хеш гузоштаро ҳал карда, як рисолаи воҳиде дар омӯзиши инъикоси масоили таърихи халқи тоҷик дар осори академик А.Мирзоев офаридааст.

Арзиши ин таҳқиқот боз дар он хулоса мешавад, ки то имрӯз дар доираҳои илми таърихнигории Тоҷикистон ҳеҷ пажӯҳиши хоси илмие, ки ба таҳқиқи мероси таърихнигории академик А.Мирзоев ихтисос ёфта бошад, вуҷуд надорад. Ба сабаби чунин рисола матолиби ба дастомада аз осори ба илми таърих бахшидаи академик А.Мирзоев кайфияти ҷадид ва арзишмандеро ҳосил мекунанд, ки омили инъикоси бештари ҳаводис ва рухдодҳои сиёсӣ ва иҷтимоии асри X - нимаи дуюми асри XIX-и таърихи халқи тоҷик мегарданд.

Дар имтидоди фароянди таҳқиқ унвонҷӯй ҷойгоҳ ва нақши академик А.Мирзоевро дар пажӯҳиши давраҳои гуногуни таърихи сиёсӣ, муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои миёна ва пасини халқи тоҷик муайян намуда, ба саҳми беназири олим дар омӯзиши сарчашмаҳои таърихию адабии Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ва Ҳинд, Туркия ва Россия таъкид кардааст.

Аз лиҳози навгӯиҳо, тадвини масоили илмӣ ва мизони кори таҳқиқотӣ рисолаи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» кори таҳқиқотии комилан анҷомёфта ҳисобида мешавад.

Аз матолиб ва натиҷагириҳои аслии пажӯҳиш метавон барои таҳияи маводҳо дар қомусномаҳо, осори таҳқиқӣ, ҳамчунин дар омодасозии курсҳои махсус дар донишгоҳҳо истифода кард.

Ба таври куллӣ рисолаи Ахмедов Ф.Ҳ. «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» як таҳқиқоти муҳиму бо арзиш буда, мунъакискунандаи муқаррароти асосии ироашуда барои дифоъ мебошад. Бидуни тардид ин рисола ба таҳлилу баррасии холисонаи осори ба ҳаводиси таърихӣ бахшидаи академик А.Мирзоев

кумак хоҳад кард.

Дастовардҳои илмии унвонҷӯй дар амри навиштани ин рисола ба ман иҷозат медиҳад, то зикр кунам, ки кори диссертатсионии Ахмедов Ф.Ҳ. «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абулғанӣ Мирзоев» поёнёфта ҳисобида шавад. Рисола аз рӯи муҳтаво ва матолиби ба таҳқиқ кашидашуда ба талаботи КОА назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон мутобиқат намуда, муаллифи он сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методи таҳқиқи таърихӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Х.Ш.Камолов**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабавҳо, 9
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А.Дониш
Тел: 934212844, E-mail: hamza_Kamol@mail.ru

**23 октябри 2019**

Имзои доктори илмҳои таърих,профессор Х.Ш.Камоловро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева

ШУЪБАИ КАДРҲО